**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо
*(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295)*

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.08.2026, № 33

Барои сазовор донистани Нозимова Маъмура Саҳобиевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Диссертатсияи Нозимова Маъмура Саҳобиевна дар мавзуи «Таъсири баъзе ҳосилаҳои глитсерол ба лӯбиё *(Phaseolus vulgaris L.)* ҳамчун афзоиштанзимкунанда» аз рӯйи ихтисоси 1.5.12. Физиология ва биохимияи растаниҳо ба ҳимояи такрорӣ ба ҳимоя қабул карда шуд протоколи № 27 аз 11 июни соли 2026, шурои диссертатсионии 6D.КОА-038 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,

Суроғаи: 734025, www.tnu.ti. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 6 сентябри соли 2024, №318/шд тасдиқ гардидааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Нозимова Маъмура Саҳобиевна 25 марти соли 1993 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, маълумоташ олӣ мебошад.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети биологияро аз рӯйи ихтисоси «Биология» хатм кардааст. Диплом: ДТО №0184709.

Бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15.01.2020, №10-05 ба ҳайси унвонҷӯи Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардида, бо фармоиш аз 19.12.2023, №510-05 давраи унвонҷӯиро хатм кардааст.

Ҳангоми омода намудани диссертатсия ва то инҷониб омӯзгори кафедраи химия ва биологияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон мебошад. Диссертатсия дар Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Химияи глитсерин»-и ба номи профессор Б.Ҳ. Кимсанови Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Раҷабзода Сироҷиддин Икром, доктори илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 Химияи органикӣ, профессор, муовин оид ба илми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Мушовири илмӣ** – Мирзораҳимзода Акобир Карим, доктори илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 Биохимия, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – раиси Шуъбаи илмҳои биология.

**Муқарризони расмӣ:**

**Эргашев Абдуллоҷон** – доктори илмҳои биологӣ, профессор аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 Физиология ва биохимияи растаниҳо, профессори кафедраи физиологияи растаниҳои факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Диловарова Нигина Сифатшоевна** – номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.05 Физиология ва биохимияи растаниҳо, ходими калони илмии Озмоишгоҳи биологияи молекулавӣ ва биотехнологияи растаниҳои Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тақриз пешниҳод намуданд.

**Дар тақризи Эргашев Абдуллоҷон эродҳо ва саволҳои зерин пешниҳод шудаанд:**

1. Дар диссертатсия самаранокии ҳосилаҳои глитсерол аз рӯйи якчанд нишондиҳандаҳои физиологӣ ва биохимиявӣ арзёбӣ гардидааст. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя шарҳ диҳад, ки

кадом нишондиҳандаҳо барои муайян намудани самаранокии пайвастагиҳои таҳқиқшуда ҳамчун нишондиҳандаҳои асосӣ интихоб шуданд ва интихоби онҳо ба чӣ асос ёфтааст.

2. Барои омӯзиши динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё модели регрессияи хаттии сершумор истифода шудааст. Модели мазкур тағйирёбии нишондиҳандаро вобаста ба вақт ва шароити таҷриба нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, хуб мебуд, ки муаллиф шарҳ диҳад, ки чаро маҳз ҳамин навъи модел интихоб гардид ва интихоби он ба кадом хусусиятҳои натиҷаҳои таҷрибавӣ асос ёфтааст.

3. Натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва саҳроӣ дар диссертатсия ба таври муфассал оварда шудаанд. Хуб мешуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя равшан намояд, ки кадом натиҷаи асосии таҳқиқот барои интихоб намудани 1,3-дифталилаланилопропан-2-ол ҳамчун пайвастагии нисбатан самаранок нақши ҳалкунанда дошт.

**Дар тақризи Диловарова Нигина Сифатшоевна эродҳо ва пешниҳодҳои зерин баён шудаанд:**

1.Дар шарҳи адабиёт овардани муқоисаи кӯтоҳи ҳосилаҳои глитсерол бо афзоиштанзимкунандаҳои маъмули растанӣ мувофиқи мақсад мебуд, зеро ин имкон медод, ки хусусияти моддаҳои таҳқиқшуда ва ҷойгоҳи онҳо дар байни дигар афзоиштанзимкунандаҳо боз ҳам равшантар нишон дода шавад.

2. Дар қисми тавсияҳои амалӣ мувофиқи мақсад мебуд, ки барои шароити истеҳсолӣ меъёрҳо ва марҳилаҳои истифодаи моддаҳои самаранок бо тарзи боз ҳам равшантар ва ҷудогона нишон дода шаванд.

3.Дар диссертатсия маълумотҳои зиёд оид ба таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба протсесҳои физиологию биохимиявӣ оварда шудааст, аммо дар бораи механизмҳои таъсири ин моддаҳо маълумот хеле кам оварда шудааст.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ бояд пурра ба инобат гирифта шавад.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия баҳои мусбат дода, мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои онро ба шиносномаи ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо, мубрамӣ, навгонии илмӣ, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳо, инчунин аҳамияти назариявию амалии таҳқиқотро таъкид намудаанд. Муқарризони расмӣ диссертатсияро кори илмии анҷомёфта арзёбӣ карда, Нозимова Маъмура Саҳобиевнаро сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ донистаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев.

Тартибдиҳандаи тақриз аз муассисаи пешбар – Мамадризохонов Акбар Алихонович, доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи ботаника ва экология, ихтисос 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 10 интишори илмӣ дорад: 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1 нахустпатент ва 5 маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ. Нозимова М.С. дар ҳамаи интишорот ҳамчун муаллиф ё ҳаммуаллиф иштирок намуда, натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва саҳроӣ, таҳлили маълумот ва омода намудани маводи илмиро анҷом додааст.

**Нахустпатент**

**1.** Нозимова М.С., Раҷабзода С.И. Тарзи ҳосил намудани мавод барои муҳофизати растаниҳо аз бемории занбӯруғи ва фулус.1422 TJ. Дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 сентябри соли 2023 ба қайд гирифта шудааст.

**Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудааст:**

**2.** Нозимова М.С. Таъсири самараноки маводи нави фитотанзимкунандаҳо асоси глитсерин ба нашъунамо, инкишоф ва ҳосилнокии лӯбиёи сурх ва сафед / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе №4. 2022. – С. 311 – 318.

**3.** Нозимова М.С. Таҳқиқи обҳое, ки дар таркибашон металлҳои вазнин доранд, ки ба сабзиш ва инкишофи лӯбиё ва нахӯд таъсири манфӣ мерасонанд. / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода Илм ва Фановарӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе №3. 2022. – С. 324 – 329.

**4.** Нозимова М.С. Самаранокии истифодаи 1,3–дифталилалонилопропан–2–ол дар парвариши лӯбиё ва нахӯд / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода // Илм ва Фановарӣ. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе №1. 2023. –.С. 214 – 219.

**5.** Нозимова, М.С. Модели регрессияи хаттии сершумор барои таҳлили динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё *(PhaseoLus vuLgaris L.)* / М.С. Нозимова, М.А. Замонов., С.И. Раҷабзода. А.К. Мирзораҳимзода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №2 (225), 2024. – С. 52–62.

**Руйхати корхое, ки дар дигар маҷалаҳо ва маҷмуаҳои маводи конференсияҳои байналмиллалӣ ва ҷумҳуравӣ ба нашр расидаанд:**

**6.** Нозимова М.С., Лӯбиё ҳамчун биоиндикатор / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода Маводи конференсия бахшида ба "20 солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020 2040)". Душанбе – 2022. С. – 54–59.

**7.** Нозимова М.С. Таъсири металҳои вазнини таркиби об ба лӯбиё ва нахӯд / М.С. Нозимова. С.И. Раҷабзода // "XXVIII Славянские чтения" посвещенной дню таджикской науки и году правового просвящения. Душанбе – 2024. – С. – 100–102.

**8.** Нозимова М.С., Боҳамтаъсиркунии 1.3–дихлорпропан–2–ол бо аминокислотаи бутанӣ / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода // Маводи конференсияи III байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Рушди илми химия ва соҳаҳои истифодабарии он", бахшида ба 80–солагии гиромидошти хотираи д.и.х, узви вобастаи АМИТ, профессор Кимсанов Бӯри Ҳакимович. Душанбе – 2021. – С. – 174 177.

**9.** Нозимова М.С., Конденцация 1–хлорпропан–2,3–диола с Cbo–производными аминокислот ароматического ряда. / М.С. Нозимова, С.И. Раҷабзода // Интеграсия науки и высшего образования в области био– и органической химии и биотехнологии. Материалы XIV Всероссийская научной интернет–конференсии (26–27 ноября 2020 года, г. Уфа). Уфа Издательство УГНТУ 2020. – С.–98–100.

**10.** Нозимова М.С., Синтез, таҳқиқи 1,3–дифталилалонилопропан–2–ол / М.С. Нозимова, С.И Раҷабзода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ бахшида ба ҷашнҳои «5500–солагии Саразми бостонӣ», «700–солагии шоири барҷастаи тоҷик Камоли Хуҷандӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020–2040)». Душанбе, 2020. – Саҳ. 412 – 415.

Муассисаи пешбар диссертатсияро ба шиносномаи ихтисоси 1.5.12 физиология ва биохимияи растаниҳо мутобиқ, мавзуи онро мубрам, натиҷаҳоро дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ арзёбӣ намудааст.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати кор, баъзе нуктаҳои хусусияти таҳрирӣ дошта ва саволҳои илмие мавҷуданд, ки шарҳи иловагии муаллифро талаб мекунанд:

1. Дар зербобҳои гуногуни диссертатсия баъзе ихтисораҳо, воҳидҳои ченак ва шаклҳои навишти номҳои химиявии пайвастагиҳо бо дараҷаи гуногуни тафсил пешниҳод шудаанд. Мувофиқи мақсад мебуд, ки ҳамаи онҳо дар тамоми матн аз рӯйи як низоми ягона истифода шуда, ихтисораҳои асосӣ дар рӯйхати махсус пурра шарҳ дода шаванд. Чунин ягонасозӣ хондани матнро осонтар намуда, ба дарки дақиқи маводи таҷрибавӣ мусоидат мекард.

2. Натиҷаҳои ИК-спектроскопӣ ва масс-спектрометрӣ дорои маводи зиёди рақамӣ ва тавсифӣ мебошанд. Барои боз ҳам равшантар пешниҳод намудани ин қисми кор, ҷамъбасти бандҳои асосии спектрҳо ва қиматҳои муҳимми m/z дар шакли як ҷадвали мухтасари муқоисавӣ мувофиқи мақсад мебуд. Ин тарзи пешниҳод ба хонанда имкон медод, ки маълумоти асбобиро зудтар муқоиса намуда, робитаи онро бо натиҷаҳои физиологию биохимиявии таҳқиқот беҳтар дарк намояд.

3. Дар таҳқиқот барои муқоиса вариантҳои гуногуни назоратӣ, аз ҷумла оби мукаттар, ПЭГ-6000, препарати «Винсит Форте» ва варианти бе коркард истифода шудаанд. Хуб мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя мақсади истифодаи ҳар як варианти назоратиро шарҳ дода, нишон диҳад, ки онҳо барои дуруст арзёбӣ намудани таъсири ҳосилаҳои глитсерол чӣ аҳамият доранд?

4. Дар таҳқиқот якчанд ҳосилаи глитсерол санҷида шудааст. Муаллиф бо кадом асос маҳз 1,3-ДФАП-2-олро барои идомаи таҳқиқоти лабораторӣ ва саҳроӣ интихоб намуд?

5. Натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва саҳроӣ дар кори шумо чӣ гуна якдигарро пурра мекунанд?

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холи нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳои зерин ворид шуданд:

**1. Саидзода Раҳмон Фатҳулло** – доктори илмҳои кишоварзӣ, директори Институти ҳифзи растаниҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар тақриз чунин эродҳо нишон дода шудааст.

- Хуб мебуд, ки дар таҳқиқоти минбаъда самаранокии пайвастаҳо ва композити пешниҳодшуда дар шароити васеътари саҳроӣ, инчунин дар мисоли дигар зироатҳои лӯбиёгӣ низ санҷида шавад.

- Барои татбиқи минбаъдаи натиҷаҳои таҳқиқот дар истеҳсолот хуб мебуд, ки самаранокии иқтисодии истифодаи пайвастаҳо ва композити пешниҳодшуда низ арзёбӣ карда шавад.

**2. Ҳамроева Холида** – номзади илмҳои биологӣ, муаллими калони кафедраи биохимияи МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар тақриз чунин эрод нишон дода шудааст.

- Дар қисми назариявӣ хуб мебуд, ки муқоисаи натиҷаҳои муаллиф бо адабиёти муосири хориҷӣ каме васеътар оварда шавад.

- Ҳамчунин дар шарҳи механизмҳои таъсир робитаи байни ҳолати пигментӣ, ҳолати обии растанӣ ва нишондиҳандаҳои ҳосилнокӣ метавонист равшантар нишон дода шавад.

**3. Сафаров Сайфиддин Шахобиддинович** – доктори илмҳои химия, мудири озмоишгоҳи ғанигардонии маъданҳо. Дар тақриз интихоби ҳосилаҳои глитсерол, сохтор ва мазмуни чор боби диссертатсия, истифодаи усулҳои химиявӣ ва биологӣ, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳо мусбат арзёбӣ гардида, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти илмии анҷомёфта ва мустақил эътироф шудааст. Тақриз бе эрод пешниҳод гардидааст.

Интихоби муқарризони расмӣ Эргашев Абдуллоҷон ва Диловарова Нигина Сифатшоевна, инчунин муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев бо мутобиқати самти фаъолияти илмии онҳо ба ихтисоси 1.5.12 Физиология ва биохимияи растаниҳо ва салоҳияти зарурӣ барои арзёбии мустақилонаи натиҷаҳои диссертатсия асоснок карда мешавад.

Интишороти довталаб мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои диссертатсияро инъикос намуда, ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ мебошанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

**коркард карда шуд** – модели нави регрессияи хаттии сершумор барои динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё ($\hat{Y} = 4{,}444 + 0{,}377t + 0{,}444k$; $R^2 = 0{,}759$), ки имконияти пешгӯии миқдории шароити оптималии коркарди пеш аз киштро фароҳам меорад;

методикаи нави таҷрибавӣ, ки қонуниятҳои сифатан нави падидаи таҳқиқшавандаро **ошкор менамояд,** таҳлили динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё бо истифода аз модели регрессияи хаттии сершумор, ки дар он t – вақт ва k – миқдори тухмиро ифода менамояд;

афзудани сатҳи дақиқии андозаҳо бо коркарди омории натиҷаҳо дар Microsoft Excel, истифодаи меъёрҳои Стюдент (t) ва Фишер (F) бо сатҳи аҳаммияти $p < 0{,}05$ ва се маротиба такрор намудани таҷрибаи саҳроӣ таъмин карда шудааст;

**пешниҳод шудааст** — афзоиштанзимкунандаи нав дар асоси 1,3-дифталилаланилопропан-2-ол ва композити об–глитсерол–оҳак–сулфур–оксиди калсий барои беҳтар кардани рушд ва ҳосилнокии лӯбиё ва мубориза бар зидди антракноз;

**исбот шудааст** — таъсири афзоиштанзимкунандагии ҳосилаҳои глитсерол ба хосиятҳои физиологӣ ва биохимиявии лӯбиё, аз ҷумла ба сабзиш, рушд, пигментҳои фотосинтетикӣ ва ҳосилнокӣ;

инчунин самаранокии композити об–глитсерол–оҳак–сулфур–оксиди калсий бар зидди антракнози лӯбиё;

**ҷорӣ намудани** — модели регрессияи хаттии сершумор барои таҳлили миқдории динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё ва истифодаи он ҳамчун асоси тавсияҳои илмию амалӣ барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

**исбот намудан** — қонуниятҳои таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба равандҳои физиологи ва биохимиявии тухмӣ ва майсаҳои лӯбиё, инчунин вобастагии самаранокии пайвастагиҳо аз сохтори химиявӣ, гурӯҳҳои функсионалӣ ва консентратсияи онҳо;

**истифодабарии** — усулҳои синтези ҳосилаҳои глитсерол имкониятҳои истифодаи амалии онҳоро васеъ намуда, модели регрессияи хаттии сершумор барои таҳлили миқдории динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё ва ҳамчун асоси тавсияҳои илмию амалӣ истифода мешавад;

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок таҳқиқоти лабораторӣ ва саҳроӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои нав оид ба таъсири ҳосилаҳои глитсерол ба равандҳои физиологию биохимиявии лӯбиё, модели регрессияи хаттии сершумор ва самаранокии композит дар асоси глитсерол ба даст оварда шудаанд;

**истифода бурдани** — маҷмуи усулҳои лабораторӣ ва саҳроӣ, усулҳои физиологӣ ва биохимиявӣ, муайян кардани нишондиҳандаҳои морфометрӣ, массаи хушк ва пигментҳои фотосинтетикӣ, ИК-спектрофотометрия, масс-спектрометрия ва усулҳои коркарди оморӣ;

**баён шудани** — мавқеи илмӣ оид ба хосиятҳои фаъоли биологӣ ва физиологии ҳосилаҳои глитсерол ва имконияти истифодаи онҳо ҳамчун афзоиштанзимкунанда барои беҳтар кардани сифати маҳсулоти кишоварзӣ;

**ошкор гардидани** — алоқаи мутақобили пайвастагӣ бо гурӯҳҳои функсионалӣ ва равандҳои биохимиявии лӯбиё, инчунин вобастагии таъсири афзоиштанзимкунанда аз консентратсия ва сохтори химиявии пайвастагиҳои омӯхташуда;

**ошкор намудани масъалаҳои нав** — вобастагии фаъолияти афзоиштанзикунандагии ҳосилаҳои глитсерол аз сохтори химиявӣ, гурӯҳҳои функсионалӣ ва консентратсияи онҳо;

**омӯхта шуданд** — нишондиҳандаҳои сабзиш, рушд, азхудкунии об, равандҳои физиологию биохимиявӣ, пигментҳои фотосинтетикӣ ва ҳосилнокии лӯбиё ҳангоми таъсири ҳосилаҳои глитсерол, инчунин таъсири композити глитсеролӣ ба антракноз;

**аз нав такмил додани** — усули таҳлили динамикаи варамкунии тухмии лӯбиё тавассути истифодаи модели регрессияи хаттии сершумор, ки динамикаи варамкунии тухмиро ба таври миқдорӣ арзёбӣ менамояд;

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:**

**коркард ва ҷорӣ карда шудаанд** — модели регрессияи хаттии сершумор дар коркарди математикии маълумоти таҷрибавии варамкунии тухмии лӯбиё ва композити об–глитсерол–оҳак–сулфур–оксиди калсий дар таҷрибаи саҳроӣ оид ба пешгирии антракноз истифода гардидаанд;

**муайян карда шудаанд** — ҳудудҳо ва дурнамои истифодаи амалии натиҷаҳо: ҳосилаҳои глитсерол барои лӯбиё ва дар оянда барои дигар зироатҳо, модели регрессияи таҳияшуда ҳамчун асоси тавсияҳои илмию амалӣ барои мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ва композити глитсеролӣ ҳамчун воситаи пешгирикунандаа бемори занбӯруғ;

**офарида шуд** — мавод барои муҳофизати растаниҳо аз бемории занбӯруғи ва фулус, ки бо нахустпатенти 1422 TJ ҳифз гардида, 12 сентябри соли 2023 дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст;

**муаррифӣ карда шуд** – тавсияҳои амалӣ оид ба оғоз намудани коркарди пешгирона то пайдоиши нишонаҳои беморӣ, якҷоя истифода бурдани композити глитсеролӣ бо фунгитсидҳои системавӣ ва истифодаи он барои зироатҳо бештар ҳамчун воситаи пешгирӣ;

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки

барои корҳои таҷрибавӣ — усулҳои лабораторӣ ва саҳроӣ, усулҳои физиологӣ, биохимиявӣ асбоби истеҳсолнамудаи ширкати Shimadzu (Ҷопон), ИК-спектрофотометрия ва масс-спектрометрия истифода шуда, таҷрибаи саҳроӣ 3 маротиба такрор гузаронида шудааст;

**андозагузориҳо асоснок карда шудаанд, натиҷаҳои мусбати** бадастомада дар шароити лабораторӣ ва саҳроӣ бо риояи талаботи усулҳои дар диссертатсия нишондодашуда ва коркарди оморӣ тасдиқ гардидаанд;

**назария** — дар асоси далелҳои таҷрибавӣ, маълумоти мушаххаси дар ҷадвалҳо ва расмҳо овардашуда, таҳлили мақолаҳои илмӣ ва фишурдаҳои нашршуда, инчунин муқоиса бо маълумоти адабиётӣ, аз ҷумла маълумоти С.В. Ушанов ва Е.З. Усубова, асоснок карда шудааст;

**ғоя асоснок шудааст** — дар асоси таҳлили амалия, натиҷаҳои таҷрибаҳои лабораторӣ ва саҳроӣ, хулоса ва тавсияҳои бадастомада;

**истифода шудаанд** — муқоисаи натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти адабиётӣ, аз ҷумла бо маълумоти С.В. Ушанов ва Е.З. Усубова, барои санҷиши ҳамсонӣ ва асоснокии хулосаҳо;

**муайян шуданд** — ҳамсонии натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти адабиётӣ, аз ҷумла бо маълумоти С.В. Ушанов ва Е.З. Усубова;

**истифода шуданд** — усулҳои муосири коркарди иттилоот ва таҳлили оморӣ, аз ҷумла бастаи нармафзори Microsoft Excel, модели регрессияи хаттии сершумор, меъёрҳои Стюдент (t) ва Фишер (F) бо сатҳи аҳаммияти $p < 0,05$;

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:**

иштироки бевосита дар тамоми зинаҳои таҳқиқот, таҳлилу тафсири адабиёт, ба даст овардан, коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳо ва хулосабарорӣ, омода кардани маводи илмӣ барои тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ;

**коркарди озмоишгоҳҳои таҷрибавӣ, иштироки шахсии довталаб дар** — таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, ки бевосита аз тарафи довталаб иҷро гардида, аз тарафи роҳбар ва мушовири унвонҷуи дарёфти дараҷаи илмӣ дар пай дар пайии рисола роҳнамоӣ шудааст;

**коркарди маълумот ва омодасозии интишороти асосӣ оид ба таҳқиқ** — омода кардани маводи илмӣ ва таҳияи матни диссертатсия бо иштироки бевоситаи довталаб анҷом дода шудаанд;

**аз тарафи довталаб шахсан иҷро кардан ё бо ҳаммуаллифӣ** — таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ шахсан иҷро гардида, маводи илмӣ ва интишорот бо иштироки довталаб омода карда шудаанд;

**роҳандозӣ намудани коркард ва шарҳу тафсири маълумоти таҷрибавӣ** — коркард ва таҳлили натиҷаҳои таҷрибаҳо, хулосабарорӣ ва таҳияи матни диссертатсия аз тарафи довталаб анҷом дода шудааст.

Дар маҷлиси «27» августи соли 2026 шурои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Нозимова Маъмура Саҳобиевна бо дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктори илм 4 нафар. Овоз доданд: тарафдор 14, муқобил нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ
доктори илмҳои биологӣ.,
профессор академики АМИТ — Якубова М.М.

Котиби шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои биологӣ., дотсент — Ҳамидзода Х.Н.